ТАҚРИЗ

ба рисолаи номзадии унвончӯи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи информатсионии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Норбобоев Маъруфҷон Олимович дар мавзӯи "Хусусиятҳои методикаи таълими технологияҳои иттилотӣ дар синфҳои 7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.4. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.3. - Назария ва методикаи таълими информатика (таҳсилоти умумӣ)).

Рисолаи Норбобоев Маъруфҷон Олимович "Хусусиятҳои методикаи таълими технологияҳои иттилотӣ дар синфҳои 7-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд" ба яке аз масъалаҳои мубрами методикаи таълими информатика дар асоси маводи муассисаҳои тахсилоти миёнаи умумии вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Рисола аз ҷиҳати сохтор аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддима интихоби мавзӯъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш ва навоварии илмии он асоснок карда шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, пойгоҳи манбаъҳои таҳқиқшаванда тавсиф ёфта, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор муайян карда шудааст. Инчунин, дар муқаддима методҳои таҳқиқу марҳилаҳои омӯзиш ва ҳаҷму сохтори мавзӯъ инъикос ёфтааст.

Ба масъалаи омода намудани мутахассисони рақобатпазир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии мамлакат диққати махсус зоҳир менамояд. Сарвари давлат вазифаи асосии стратегияи таҳсилотро дар инкишофи сатҳи таълими технологияҳои иттилоотӣ пешниҳод карда, таъкид менамояд, ки имрӯзҳо барои мо мутахассисоне лозиманд, ки донишу малакаи пурра дар оянда барои тарбияи насли наврас дар соҳаи тафаккури эҷодӣ ва, инчунин, маълумоти ботинии технологияҳои нави иттилооти дошта бошанд.

Дар ҳақиқат, назария ва амалияи раванди таълими синфҳои 7-ум барои амалӣ намудани фаъолияти донишазхудкунии хонандагон истифода аз воситаҳои техникии таълим ва технологияҳои иттилоотӣ бештар лозиманд.

Барои баланд бардоштани сатҳи сифати таълим дар кори таҳқиқотии худ ба мо лозим омад, ки барномаҳои омӯзиши компютерро тартиб дода, роҳҳои инкишофи тафаккури хонандагони синфҳои 7-умро зимни

таълими фанни технологияи иттилотӣ баланд намоем.

Дар боби якум - "Асосҳои психологию педагогии таълими технологияҳои иттилотӣ дар синфҳои 7-уми МТМУ вилояти Суғд"- навсозии таҳсилоти таълим, дигаргуниҳоро ҳам дар ташкили фазои таҳсилот бо мақсади таъмини муносибати мукаммали инфиродӣ ба хонанда, ҳам дар мундариҷаи таълим, таъмини муттаҳидшавии бештари фанҳои таълимиро дар назар дорад. Яке аз самтҳои афзалиятнок (салоҳиятнокӣ) дар стратегияи навсозӣ рушди салоҳиятнокии хонандагон дар соҳаи иттилоотию технологӣ эътироф шудааст.

Дар боби дуюм – "Хусусиятҳои омӯзиши технологияҳои иттлоотӣ дар синфи 7-уми МТМУ"- манбаъҳои асосии иттилоотӣ маҳорати кор бо иттилоотро дар бар мегиранд, аз ҷумла ҷустуҷӯ, интихоб, офаридан ва интишор додани он. Стандартҳо ба даст овардани маҳорату малакаҳои умумитаълимӣ, аз ҷумла кор бо иттилоотро таъмин мекунанд ва муваффақияти таълими минбаъдаро муайян менамоянд. Муайян намудани робитаҳои байнифаннӣ ба ҳамгироии фанҳо мусоидат мекунад. Рушди сифатҳои шахсиятӣ ва қобилияти мактаббачагон ба андӯхтани таҷрибаи фаъолияти гуногун такя менамояд, ки мундариҷаи фаъолиятӣ ва амалии таҳсилот дар асоси технологияҳои иттилотӣ баён шудааст.

Дар боби сеюм – "Тавсифи методикаи пешниҳодшудаи таълими технологияиҳои иттилоотӣ ва таҳлили натиҷаҳои он"- тавсифи методикаи муаллифии таълими технологияҳои иттилоотӣ бо фарогири принсипҳои интихоби муҳтаво, интихоби методҳо, тарзҳо, шаклу воситаҳои таълим, сохтори коркардшудаи дарс иборат аст. Дар ин боб ҳамчунин, аз санҷишгузаронии амалии методика, аз ҷумла, санҷиши озмоиши педагогии фарзияи таҳқиқот тавсиф ёфтааст. Баҳои экспертии методика аз ҷониби омӯзгорони соҳибтахассуси технологияҳои иттилоотӣ оварда шудааст.

Дар хулоса махсусияти таълими фанни технологияи иттилоотӣ синфҳои 7-ум, ки хонандагон ба мактаб бо сатҳи гуногуни омодагӣ ба таълим, таҷрибаи ҳархелаи иҷтимоӣ, тафовутҳо дар инкишофи равонию физиологӣ меоянд, нишон дода шудааст. Таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд ёрӣ расонад, ки қобилияти ҳар як хонанда татбиқ гардида, барои инкишофи фардии хонанда шароит фароҳам оварда шавад. Инъикоси сифатҳои шахсиятӣ ва қобилияти мактаббачагон ба андӯхтани таҷрибаи фаъолияти гуногун: таълимию маърифатӣ, амалӣ, иҷтимоӣ аз ҷониби онҳо такя мекунад. Бинобар ин, дар стандарт мавқеи махсус ба *мундариҷаи фаъолияти амалии* таҳсилот, воситаҳои мушаххаси фаъолият, истифодаи донишу маҳорати азхудшуда дар вазъияти воқеии ҳаётӣ мансуб дониста мешавад. Дар Стандарти таҳсилоти миёна як қатор маҳорати умумитаълимӣ муайян шудаанд, ки аксарияти онҳо бо

коркарди иттилоот алоқамандand.

Ҷузъи муҳимтарини навсозии таҳсилоти умумӣ иттилоотигардонии таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки, пеш аз ҳама, ташкили амсилаи нави раванди таҳсилотро бо истифодаи имконияти ТИК, истифодаи васеи технологияи иттилоотиро дар таълими фанҳо, дар кори беруназсинфӣ бо хонандагони синфҳои 7-ум ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои таҳсилот ва рушди хонанда пешбинӣ менамояд. Асбобҳои иттилоотӣ метавонанд ҳамчун воситаи фаъолгардонӣ ва инкишофи тафаккур хизмат намоянд. Таъмини ҳамбастагии пурраи фаъолияти бозӣ ва таълимию маърифатӣ дар раванди таълими синфҳои 7-ум бо мақсади ташаккули ангезиши мусбати эмотсионалӣ зарур аст. Тамоюли азхудкунии технологияи иттилоотӣ аз ҷониби омӯзгорони мактаб бояд дастгирӣ ёбад.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертант дар маҷаллаҳои эътирофгардидаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои махсуси илмӣ ба табъ расидаанд.

Итминони комил дорем, ки рисолаи ба ҳимояи такрори пешниҳодкардаи Норбобоев М.О. ин оғози таҳқиқоти ҷиддии ӯ дар ҷодаи илми педагогика ва хусусан, методикаи таълим, методикаи таълими технологияи иттилотӣ ба шумор меравад ва муҳҳаққиқ метавонад дар оянда пажӯҳишоти худро идома дода, ба муваффақиятҳои нав комёб гардад.

Рисола ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. - Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.3. - Назария ва методикаи таълими информатика (таҳсилоти умумӣ)) буда, ҷавобгӯи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Автореферат мазмуну мундариҷа ва мӯҳтавои диссертатсияро пурра инъикос мекунад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи нақшакашӣ,
геометрияи тасвирӣ ва методикаи
таълими МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» О.А.Исломов

11.11.2025

Иттилоъ барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Телефонҳо: +992 342223897 (корӣ);
Имзои профессор Ислюмов О.А.-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва КМ МДТ
«ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» З.С. Сайдуллозода

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС